*Тақриз ба китоб, маҷаллаи*
*“Китоби моҳ: адабиёт ва фалсафа”,*
*Меҳрмоҳи 1379/ сентябри 2000*

## “Аз ин ҷо то Бухоро лола боша …”[1]

“Аз ин ҷо то Бухоро лола боша …” гузидаест аз маҷмӯаи дубайтиҳои мардумии тоҷикӣ, ки ба кушиши проф. Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ гирд омадааст. Дафтари ҳозир бо муқаддимае аз проф. Қубодиёнӣ бо насру лаҳни тоҷикӣ ҳамроҳ аст, ки дар он таърифе аз дубайтӣ ва шеъри форсӣ- тоҷикӣ ва низ вежагиҳои ашъори маҷмӯаи ҳозир дида мешавад. Гирдоварандаро эътиқод бар ин аст, ки дубайтӣ дар маҷмуъ аз содатарин анвоъи шеърӣ ба шумор меояд, бавежа дубайтиҳои мардумӣ ба андозае содаанд, ки гоҳ ҳарф ё ҳиҷое коста ё афзуда мешавад. Вай дубайтиро ҳамонанди рубоъӣ, густардатарин навъи шеърӣ миёни тоҷикон медонад ва дар баршумордани вежагиҳои ашъори китоб ба ин маворид ишора мекунад:

“Ҷуғрофиёи дубайтиҳои мардумии тоҷикиро метавон нақшаи ҷуғрофиёи Эронзамини таърихӣ донист”; “Агар умуман дубайтиҳо содаанд, дубайтиҳои омиёна содатаранд … ва аз камоли содагӣ ба хандаи кудак мемонад ва дар гуворой насими Ватан аст”; “Миёни дубайтиҳои мардумӣ гоҳе сурудаҳои шоирон низ эҳсос мешаванд, аммо дар шаклҳои пероста ба завқи омиёна” ва “Дубайтиҳое ҳастанд, ки ҳамонанди якдигаранд, бо андаке тафовут” ва чанд вежагии дигар.

Гуфтанӣ аст, дар нақли ин дубайтиҳо тартиби алифбоӣ риоят шуда ва бо хондани онҳо ба пайванд ва омехтагии фарҳангии тоҷикӣ ва форсӣ бештар пай мебарем. Ин китоб барои нахустин бор дар Теҳрон аз сӯи нашри “Бесутун” ба чоп расида ва шомили 541 дубайтӣ аст, ки ба намунае аз онҳо ишора мекунем:

*Сари кӯҳи баланд фарёд кардам?*
*Амиралмуъмининро ёд кардам!*
*Амиралмуъминин! Ё Шоҳи мардон!*
*Балоро аз сари роҳам бигардон!*

---

[1] Интишороти “Бесутун”, чопи аввал: 1379/2000